**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:**

**Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.ф. ____________Назар М.А.**

**« 12 » июня ______________ 2023 с.**

# ХУЛОСАИ

**Шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиноси ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови ба диссертатсияи Солиҳов Саймурод Тағоймуродович дар мавзӯи «Масъалаи иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ) (иқтибос аз суратмаҷлиси № 9, аз 09 – уми июни соли 2023).**

Диссертатсияи Солиҳов Саймурод Тағоймуродович дар мавзӯи «Масъалаи иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ) дар шӯъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови АМИТ иҷро карда шудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Солиҳов Саймурод Тағоймуродович аспиранти шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Айни замон ба ҳайси муаллими калони кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур фаъолият менамояд.

Роҳбари илмӣ – Қаҳоров Ғаюр Ғафорович, доктори илмҳои фалсафа мебошад.

Диссертатсияи Солиҳов Саймурод Тағоймуродович дар маҷлиси шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст.

Дар натиҷаи баррасӣ ва муҳокимаи диссертатсияи Солеҳов Саймурод Тағоймуродович дар мавзӯи “«Масъалаи иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон” хулосаи зерин қабул карда шуд.

Мубрамияти мавзӯи диссертатсияи Солиҳов Саймурод Тағоймуродович дар он зоҳир мегардад, ки бо гузариш ба низоми нави ҷамъиятӣ муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ низ тағйир ёфтанд ва натиҷаи он ба омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бетаъсир намонда, идоракунии самараноки ҷамъиятро дар асоси дидгоҳи нави илмӣ ба миён

гузошт. Дар натиҷаи тағйирёбии ҷамъият ниҳодҳо ва сохторҳои наве ба вуҷуд омаданд, ки ба иҷтимоишавии шахс таъсири муҳим гузоштанд. Хусусияти хоси иҷтимоишавии шахс дар фазои пасошӯравӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ба дигаргуншавии муҳити сохтори оила, сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, паҳншавии меъёрҳои анъанавии рафтор, сифати маориф, ба тамоюли худмуайянкунии иҷтимоии насли наврас ва ҷавонон таъсири бевосита расониданд.

Омилҳои зикргардида дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон чӣ ба ҷараёнҳои иҷтимоишавию ташаккулёбии ҷавонон ва чӣ ба шахсони алоҳида дар умум таъсирбахш мебошанд. Низоми қаблии арзишҳо тағйир ёфтанд, вале низоми нави арзишҳо ҳоло дар раванди ташаккулёбӣ қарор дошта, барои самти худмуайянкунии ҷавонон дар шароити муосир нақши муайян мебозанд, бинобар ин ҳам, ҷараёни иҷтимоишавии онҳо бе масири муайяншуда ташаккул меёбад. Муҳити оилавӣ низ то қадри имкон ба худмуайянкунии ҷавонон ва воридшавии онҳо ба ҳаёту фаъолияти мустақилона дар шароити бозори меҳнат таъсирбахш аст. Махсусан, боғчаи кӯдакон, интихоби дӯстон, давраи мактабӣ, раванди донишҷӯӣ чун ҷараёни иҷтимоишавии шахс, омилҳои муассири ҳаёти инсонӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар натиҷаи тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ, дигаргуниҳои куллие ба амал омаданд, ки онҳо низоми анъанавии арзишҳо, аз ҷумла соҳаи маорифро низ фаро гирифтанд ва сабаби тағйирёбии интихоби самти арзишии ҷавонон гардида,ба тамоюли он таъсир расониданд. Маориф яке аз ниҳодҳои асосии иҷтимоӣ мебошад, ки дар шароити тағйирёбии ҷомеа барои инкишофи он нақши муҳим мебозад ва ҳоло дар сатҳи лозимӣ наметавонад равандҳои адолати иҷтимоӣ ва баробарии иҷтимоиро ба тамоми гурӯҳҳои иҷтимоӣ комилан амалӣ намояд.

Тағйиротҳои дар ҷомеа ба амал омада, боиси тезутундгардии мушкилоти иҷтимоӣ аз қабили: афзоиши бекорӣ, сатҳи пасти маош, нафақа, бекорӣ, ба табақаҳои мухталиф тақсимшавии ҷамъият, дастнорасии маводи ғизоӣ ва маҳсулоти лавозимоти аввалия дар байни баъзе гурӯҳҳои иҷтимоӣ гардид. Дар маҷмуъ ин масъалаҳо боиси нигаронии табақаҳои иҷтимоии ҷамъият мегарданд. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳлили ҷанбаҳои гуногуни масъалаҳои иҷтимоӣ,омилҳои объективию субъективӣ ва мушкилоти иҷтимоӣ дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ ва таъсири онҳо ба равандҳои иҷтимоишавии шахс масъалаи мубрам маҳсуб мешавад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар он асосҳои назариявии соҳа мавриди омӯзиш қарор гирифта, вобаста ба он таҳқиқотҳои сотсиологӣ гузаронида шудаанд. Аз ин рӯ, хулосаҳо ва натиҷаҳои дар асоси диссертатсия бадастомадаро дар раванди таҳлилҳои илмию назариявӣ ва амалии бахши иҷтимоишавии шахс,

таълим ва тарбияи насли наврас метавонанд васеъ истифода шаванд. Инчунин нуктаҳои муҳиме, ки дар таҳқиқоти мазкур нишон дода шудаанд, дар раванди таълим дар бахши илмҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар мавриди истифода қарор гиранд.

Саҳми шахсии муаллиф аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва мавзӯи он, таҳлили сарчашмаҳо, таҳия, коркард ва таҳлили ҳаматарафаи кори таҳқиқотӣ иборат мебошад. Муаллиф тайи фаъолияти чандсолаи илмии худ дар омӯзиши мавзӯъ доираи васеи адабиёти илмӣ, корҳои илмӣ-тадқиқотии олимону донишмандони ватанию хориҷӣ, ҳисоботҳои сохторҳои давлатӣ, маводи матбуоти даврӣ, захираҳои интернетӣ ва дигар сарчашмаҳои иттилоотиро доир ба иҷтимоишавии шахс баррасӣ карда, асосҳои назариявию методологӣ ва хулосаву натиҷагириҳои кори таҳқиқотии мазкурро мустақилона иҷро намудааст.

Дар диссертатсияи мазкур натиҷаи тадқиқоти сотсиологӣ, ки дар байни донишҷӯён, магистрантон, докторантҳо аз рӯи ихтисос (PhD) ва омӯзгорон ба таври пурсишнома (анкета) гузаронида шудааст, васеъ истифода шудаанд, ки ин бевосита саҳми худи муаллиф мебошад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот бевосита иштирок намуда, натиҷаҳои пажуҳиши худро дар шакли мақолаҳои илмӣ чоп намудааст ва дар конференсияҳои илмию назариявӣ маърӯза кардааст.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд, ки онҳо бевосита ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ бахшида шудаанд ва натиҷаҳои таҳқиқоти муаллифро дар бар мегиранд. Муаллиф вобаста ба мавзӯи таҳқиқшуда 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи Олии Аттестатсионии Федератсияи Россия чоп намудааст.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои такризшавандаи чоп шудаанд:**


1. Солиҳов, С.Т. Оила ҳамчун омили иҷтимоишавии шахсият /[Матн] / С. Т. Солиҳов. / «Паём» - и ДСТР, Душанбе. – 2012, № 3 (38). С. 185-191.

2. Солиҳов, С.Т. Раванди иҷтимоишавии шахсият дар шароити тағйирёбии низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ / [Матн] / С.Т. Солиҳов / «Паём» - и ДДОТ баноми С. Айнӣ, Душанбе. – 2012, № 5 (48). С. 28-31.

3. Солиҳов, С.Т. Шахсият дар натиҷаи иҷтимоишавӣ ва мушкилоти мутобиқшавии он / [Матн] / С.Т. Солиҳов / «Паём» - и ДДОТ ба номи С. Айнӣ, Душанбе. – 2013, № 4 (53). С. 46-51.

4. Қаҳоров, Ғ.Ғ., Солиҳов, С.Т. Раванди иҷтимоишавии шахс дар шароити дигаргуншавии низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ /Матн/ Ғ.Ғ. Қаҳоров, С.Т.Солиҳов // Ахбори Институти фалсафа,

сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ. - 2023, № 1. – С. 39 – 44.

II. **Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

5. Солиҳов, С.Т. Омилҳои пойдорию ташаккулёбии инсон чун шахсият / [Матн] / С.Т. Солиҳов. / Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ дар мавзӯи «Таъмини амнияти озуқаворӣ», ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, Душанбе.–2014, С. 380-382.
6. Солиҳов, С.Т. Ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон / [Матн] / С.Т. Солиҳов / Маҷмӯи мақолаҳо маводҳои конференсияи илмӣ – назариявӣ ва амалӣ дар мавзӯи «Ҷавонон таҳиягари рушди технологияҳои инноватсионӣ» бахшида ба «Рӯзи Президент», «Соли Ҷавонон» ва 25 – солагии Иҷлосияи XVI – уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе - 2017. С.85.
7. Солиҳов С.Т. Низоми маориф ҳамчун омили иҷтимоишавӣ / [Матн] / С.Т. Солиҳов / Конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи»Саноатикунонӣ ва истеҳсолоти кишоварзӣ: ҳолат ва дурнамои рушд». Душанбе. – 2021. С. 194-199.
8. Солиҳов, С.Т. Омилҳои устувори иҷтимоишавӣ / [Матн] / С.Т. Солиҳов / Конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи «Саноатикунонӣ ва истеҳсолоти кишоварзӣ: ҳолат ва дурнамои рушд». Душанбе. – 2021. С. 185-193.
9. Солиҳов, С.Т. Раванди иҷтимоишавӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон / [Матн] / С.Т. Солиҳов / Конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзӯи «Саноатикунонӣ ва истеҳсолоти кишоварзӣ: ҳолат ва дурнамои рушд». Душанбе. – 2021. С. 180-184.
10. Солиҳов, С.Т. Сайёҳӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки кишвар / [Матн] / С. Т. Солиҳов / Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи Ҷумҳуриявии илми-назариявӣ дар мавзӯи «Заминаҳои асосии рушди омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ: масъала ва роҳҳои ҳалли он». Душанбе. – 2021. С.76-77.

Объект ва предмети таҳқиқот ба таври дуруст муайян гардидаанд. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот дар сатҳи зарурӣ иҷро шуда, дорои навгониҳо буда, натиҷаҳою хулосаҳои бадастомада асоснок мебошанд. Муаллиф ҳангоми навиштани диссертатсия донишҳои амиқи тахассусӣ, маҳорати истифодаи методҳои муосири таҳлилнамоӣ, қобилияти баланди мустақилона гузаронидани таҳқиқоти илмиро нишон додааст. Диссертатсия бо дараҷаи баланди методологӣ ва амалии таҳлили масъалаҳои иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон фарқ менамояд ва кори илмию таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои муаллиф ба воситаи илмияти диссертатсия, методология ва методҳои истифодашуда, адабиёти илмии истифодашуда асоснок карда мешавад. Ҳамаи пешниҳод ва нуктаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳо асоснок буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ тасдиқ шудаанд ва аҳамияти илмӣ доранд. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ мебошад. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро пурра ифода менамоянд.

Мавзуъ, ихтисоси илмии интихобшуда, мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва мақолаҳои чопнамудаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба шиносномаи ихтисоси Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-005 – 6D050100 Сотсиология барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ, хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Солиҳов Саймурод Тағоймуродович дар мавзӯи «Масъалаи иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ) барои муҳокима дар Шӯрои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия мегардад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 09 июни соли 2023 қабул гардидааст. Дар маҷлиси шуъба 8 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 8 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест. Суратмаҷлиси № 9, аз 09 – уми июни соли 2023.

**Раиси маҷлис: мудири шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор** **Шоисматуллоев Ш.**

**Котиби маҷлис: номзади илмҳои фалсафа** **Насурова Б.А.**

**Имзои Шоисматуллоев Ш. ва Насурова Б.А.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сармутахассиси шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ** **Шозедов Х.**